# 5.6 (07 00 00) ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ
# 5.6 ИЛМҲОИ ТАЪРИХ
# 5.6. HISTORICAL SCIENCES

## 5.6.1(07 00 02) Отечественная история
## 5.6.1 Таърихи Ватан
## 5.6.1 Domestic history

*УДК 930.85*
***DOI***10.24412-2413-2004-2022-2-5-13

***АЗ ТАЪРИХИ БУНЁДИ БЕМОРИСТОНҲО ДАР МОВАРОУННАҲРУ ХУРОСОН ДАР ҚУРУНИ ВУСТО***

***Қаххоров Умед Ашӯраҳмадович,*** *ассистенти кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷиксисон (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***ИЗ ИСТОРИИ СОЗДАНИЯ БОЛЬНИЦ В МАВЕРАННАХРЕ И ХОРАСАНЕ В СРЕДНИЕ ВЕКА***

***Каххоров Умед Ашурахмадович****, ассистент кафедры истории и религиоведения ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

***FROM THE HISTORY OF THE CREATION OF HOSPITALS IN MAVREANNAHR AND KHORASAN IN THE MIDDLE AGES***

***Kahhorov Umed Asurahmadovich,*** *assistant of the Department of History and Religious Studies under the Tajik State University of Law, Business and Politics, (Tajikistan, Khujand)*
***E-MAIL:*** *qumed@bk.ru*

***Калидвожаҳо:*** *илми тиб, бемористони собит, бемористони сайёр, бемористони Ҷундишопур, дастмузди пизишкон*

*Таърих ва фаъолияти бемористонҳо ва мадориси тиббии қуруни вустои Хуросону Мовароуннаҳр баррасӣ шудааст. Ташкили мадориси тиббию бемористонҳо, инчунин тарзи гузаронидани озмунҳои довталабони соҳаи тиб, дастмузди пизишкон дар китоби Авесто, сабабҳои сохтмони бемористонҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Инчунин маънои вожаи бемористон, сабабҳои сохтмони шаҳри Ҷундишопур, вожаи Ҷундишопур, бино намудани мадрасаю бемористони Ҷундишопур, густариш ва ташаккули бемористони номбурда, раисону табибони ин бемористон мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Ба ғайр аз ин нақши дастпарварони бемористони Ҷундишопур дар Хилофати Араб, намудҳои бемористонҳои он давра: собит ва сайёр, аввалин бор дар ҷаҳон пайдоиши омӯзиши бемориҳои хусусияти баҳрнавардидошта дар бемористони Ҷундишопур ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Бар замми масъалаҳои бемористони Рашид, бемористони Бармакӣ, бемористонҳои Мовароуннаҳру Хуросон дар давраи ҳукмронии Сомониён,,, бемористонҳои Низомия ва хусусиятҳои онҳо таҳқиқ гардидаанд. Ҳамчунин доир ба сарпастони бемористонҳо низ маълумот дода шудааст.*

***Ключевые слова:*** *наука врачевания, больница, стационарная больница мобильная больница, больницы Джундишапура, жалование врачей*

*Раскрывается история создания больниц и специальных медицинских учебных заведений в Мавераннахре и Хорасане в Средние века. Освещено создание больниц, методы проведения конкурсов среди будущего медперсонала, а также причины создания медицинских учреждений. Здесь же анализируется смысл понятия “больница”, причины*

*создания города Джундишапура и его медицинских школ и больниц, а также назначения их руководителей. Также показана роль выпускников медицинских учреждений в развитии медицины в период Арабского халифата, представлены типы существовавших в то время больниц, как стационарных, так и мобильных, а также касающиеся болезней, имеющих отношение к мореплаванию. Кроме того рассмотрены проблемы средневековых больниц-Рашида, Бармаки, больниц Мавераннахра и Хорасана в период правления Саманидов, больниц Низомия и их осбенностей, функционирования и лечебных свойсв бань. Даются сведения о меценатах этих медицинских учреждений.*

***Key-words:** science of medicine, hospital, permanent hospital, mobile hospital, Jundishapur hospital*

*The article dwells on the history of creating hospitals and special medical educational establishments in Maverannahr and Khorasan in Middle Ages. Such issues are highlighted as launching of hospitals, methods of conducting competitions among a future medical staff and also the reasons associated with the enterprises in question. The author analyzes the sense of the notion "hospital", the reasons accounting for the creation of Jundishapur-city with its medical schools and hospitals and also for the assignment of their chiefs. He discloses the role of the graduates of medical institutions in medicine development through the period of Arabian khalifate, presents the types of hospital which existed at that time, both permanent and mobile ones; diseases beset with navigation being described as well. Into the bargain, there are canvassed the problems of mediaeval hospitals named after Rashid, Barmaki, the hospitals of Maverannahr and Khorasan in the period of the Somonids, Nizomiya hospitals with their peculiarities of functioning, medicinal properties of bath-houses. Information about Maecenases of the medical institutions enumerated is given.*

Илми тиб аз қадимулайём дар миёни қавмҳои ориёӣ яке аз соҳаҳои муҳим ба ҳисоб мерафт ва сиёсатмадорони давр ба равнақи илми тиб ва сохтмони бемористонҳо эътибори махсус медоданд. Тибби форсу тоҷик аз замонҳои қадимтарин арзи вуҷуд намуда, таърихи беш аз сеҳазорсоларо дар бар мегирад. Роҷеъ ба масоили марбут ба тиб мо маълумоти аввалияро аз китоби «Авесто» дар ихтиёр дорем. Ба хусус дар бандҳои 37, 38, 39 ва 40 фасли ҳафтуми «Вандидод» ба гузаронидани таҷрибаҳои довталабони соҳаи тиб ишора рафтааст. Мутобиқи маълумоти Авесто бемористонҳо таҳти назорати муъбадони зардуштӣ қарор дошта, дар онҳо инчунин таҷрибаҳо гузаронида мешудааст. Дар қисмати «Вандидод» таҷрибаро на дар маздопарастон балки бо дастури Аҳурамаздо дар девпарастон (динаш ғайризардуштӣ) мегузаронидаанд ва агар ҳангоми се девпарасти барои муолиҷа муайянгардида ҳамаашон бифавтанд барои чунин табиб бояд «...аз он пас ҳеҷ гоҳ набояд бигзоранд ӯ ба дармони маздопарастон даст занад. Ҳеҷ гоҳ тани маздопарастеро ба корд дармон кунад ва тани вайро бихарошад» [2,с.519]. Тибқи таълимоти Авесто чунин табиб «...агар ӯ ба дармони маздопарастон даст занад ё маздопарастонро бо корд дармон кунад, подафраи гуноҳ куштани огоҳона бар ӯ равост» [2,с.519]. Дар қисмати "Вандидод" ғайр аз ин, ба масъалаи дастмузди пизишкон низ дар алоҳидагӣ ишора рафтааст ва аз он маълум мегардад, ки табибон дар байни мардуми ориёинажод мақому манзалати баландро доро будаанд. Аз ҷумла оварда мешавад, ки: «Пизишк бояд мубадро дар баробари офарину омурзишхоҳии вай хонахудоро ба арзиши варзови камбаҳое, деҳхудоро ба арзиши варзови миёнабаҳое, шаҳрбонро ба арзиши варзови пурбаҳое ва шаҳриёрро ба арзиши гардунае чаҳораспа дармон кунад» [2,с.519]. Инчунин, пизишк бонувони хонаводаҳои дар боло ишорашударо низ ба арзиши модахар, модагов ва модашутур дармон мебахшид. Дар Авесто ба масъалаҳои ҳифзи модару тифл, оила ва никоҳ, одоби табибу табобат эътибори махсус дода шудааст.

Бояд гуфт, ки дар замони мавҷудияти шоҳаншоҳии Сосониён чунин таҷрибаҳои тиббиро дар асирони ҷангӣ, шахсони ба қатл маҳкумгардида ва ҷинояткорони хатарнок

анҷом медодаанд. Дар ҳамин давра дар Ҷундишопур инчунин нишастҳои илмӣ миёни пизишкон ва баргузории имтиҳони пизишкӣ низ мавҷуд будааст [7,с.41].

Лозим ба ёдоварист, ки роҷеъ ба таърихи ташкил ва ташаккули бемористонҳо дар қуруни вусто дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба имрӯз таҳқиқотҳо қисман ба иҷро расидаанд, ки ба таври кофӣ ин масъаларо фаро нагирифтааст. Аз ин рӯ, мо тасмим гирифтем, ки бо такя ба сарчашмаҳои таърихии соҳаи тибби қуруни вусто ва таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ ин масъаларо мавриди омӯзиш ва пажуҳиш қарор диҳем.

Қобили зикр аст, ки аз қадимулайём дар шаҳрҳои эронзамин дар баробари биноҳои оташкадаҳо, масоҷиду мадорис инчунин биноҳои бемористонҳо низ мавҷуд буданд, ки дар онҳо дандонпизишкону чашмпизишкон ва ҷарроҳону табибони бемориҳои мухталиф ба табобати беморон машғул буданд. Одатан чунин бемористонҳо бо маблағи эҳдонамудаи шахсони хайрпеша, аз қабили шоҳону сарватмандон ва дигар саховатмандон сохта ва ба истифода дода мешуданд.

Зимнан бояд хотирнишон сохт, ки бемористонҳои қуруни вусто на танҳо маркази табобат, балки маркази омӯзиши илми тиб низ буданд, ки дар онҳо мутахассисони мухталифи ин соҳа аз манотиқи гуногун ба таҳсил фаро гирифта мешуданд. Сипас, табибони фориғуттаҳсил ба манотиқи худ баргашта ба кори табобати мардум соҳибкасбона машғул мегардиданд.

Бояд гуфт, ки яке аз бемористонҳои маъруфи замони Сосониён дар шаҳри Ҷундишопур (шаҳре дар Хузистони Эрон мебошад, ки он дар миёни шаҳри Басраи Ироқ ва вилояти Форс қарор дорад) воқеъ гардида будааст, ки онро бо номи академия ё ки донишгоҳ низ ном мебурдаанд. Доир ба пайдоиши номи шаҳри Ҷундишопур Муҳаммад ибни Ҷарир ат-Табарӣ дар китобаш «Таърих ар-русул ва-л-мулук», Абӯсаиди Гардезӣ дар «Таърихи Гардезӣ», Абулҳасани Қифтӣ дар китоби «Ахбору-л-ҳукамо», Ёқути Ҳамавӣ дар «Аҷоибу-л-булдон» ва ғ. нуқтаи назарҳои мухталифро овардаанд. Ақидаи баъзе олимони муосир дар ин бора, ки Шопури I ин шаҳрро ҳамчун нишони пирӯзӣ бар императори Византия Валериан ва хароб намудани шаҳри Антиохия (Антокия) бино намудааст, нисбатан эътимодбахш мебошад [12].

Бо назардошти гуфтаҳои боло мо пеш аз он ки ба тавзеҳу тавсифи бемористоҳои қуруни вусто гузарем, пеш аз ҳама меҳоҳем маънии истилоҳи «бемористонро»-ро мавриди шарҳ қарор диҳем. Масалан, дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» истилоҳи «бемористон» чун «...ҷое, ки беморонро хобонда, нигоҳубину даво мекунанд, касалхона, беморхона, дору-ш-шифо» [15,с.172] тафсир карда шудааст.

Бояд ёдовар шуд, ки ба назари доктор Аҳмади Исобак «Маънои вожаи бемористон вожае ҳаст форсӣ, мураккаб аз ду калима (بيمار бемор) ба маънии дардманд ва [пасоянд پسوند], (стон ستان) ба маънии ҷойгоҳ ё хона ва маҷмӯан ба маънии дорулмаризӣ [بيمارخانه], ба кор мерафтааст» [3,с.21-22]. Инчунин роҷеъ ба шарҳи ин истилоҳ дар ҷои дигар чунин ишора шудааст: «Бо таҳқиқи вожаи бемористон, мо дарёфтем, ки вожаи бемористон аз ҷузъҳое чун «б» ба маънои «бе», «мор» ба маънии саломатӣ ва «стан» ба маънои макони зист ва ҷамъи он иборат аст» [5].

Зимнан бояд ба ин нукта ишора фармуд, ки баъзе аз соҳибназарон дар тафсири истилоҳи «бемористон» ба ин ақида ҳастанд, ки дар тӯли таърих онҳо ба сифати дармонгоҳҳои умумӣ беморонро барои мудово бистарӣ менамуданд вале «... бо гузашти замон душворию вайрониҳо дар он роҳ ёфт ва берун рафтани беморон аз он танҳо ҷойгоҳи девонагон шуд ва аз он пас шунаванда аз вожаи «мористон» мафҳуми девонахонаро дармеёфт» [3,с.22].

Қобили зикр аст, ки тибқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ дар қуруни вусто ҳанӯз се қарн пеш аз ислом нахустин бемористон дар Ҷундишопур дар давраи ҳукмронии сулолаи Сосониён таъсис дода шуда будааст. Тибқи маълумотҳои ин сарчашмаҳо мадрасаи тиббӣ ва бемористони ин шаҳрро Хусрави I Сосонӣ ташкил намуда, барои кор ба ин муассиса табибони юнонию ҳиндуро низ ҷалб намуда будааст. Ба қавли баъзе аз муаррихони дигар мадрасаи

тиббии Ҷундишопур гӯё дар қарни чаҳоруми милодӣ бунёнгузорӣ шуда, дар замони Шопури I бошад мадрасаи дуввуми тиббӣ сохта шуда бошад [11,с.3]. Табибони Ҷундишопур, бо истифода аз донишу малакаи табибони юнонию ҳиндӣ ва ба иловаи таҷрибаи тиббии худ як қатор китобҳои дарсиро низ дар ин замина омода намуда будаанд [3,с.56].

Зимнан қобили тазаккур аст, ки мадрасаю бемористонҳои тиббии Ҷундишопур пас аз забти Эронзамин аз ҷониби арабҳо натанҳо аз байн нарафт, балки он дар асрҳои аввали ислом либоси исломӣ ба бар кард ва дар замони хилофати Умавиёну Аббосиён дар таълиму таллуми табибони араб низ нақши бузург бозидааст. Ҳатто баъзе олимони Ғарб мадрасаи тиббии Ҷундишопурро донишгоҳ низ номидаанд.

Ёдрас намудан бамаврид аст, ки дар замони ҳукмронии Хусрави Анӯшервон Ҷундишопур ба яке аз бузургтарин марказҳои тиббии замони худ табдил меёбад. Бо дастури ин шоҳи сосонӣ на танҳо китобҳои зиёди тиббӣ аз дигар забонҳо ба паҳлавӣ тарҷума карда шуданд, балки ӯ «...Барзуяи табибро барои овардани китобҳои тиббӣ ва шояд дар мутолиа дар тибби ҳиндӣ ва овардани иддае аз пизишкони ҳиндӣ бо ҳайъате ба Ҳиндустон фиристод» [11,с.5].

Мувофиқи маълумотҳои мавҷуда, қайд намудан ба маврид аст, ки  Хусрави 1 Анушервон (531-579) дар соли 561 аввалин маротиба конгресси олимони тибби донишгоҳҳои давлатҳои мутарққиро дар донишгоҳи Ҷундишопур даъват намуда, дар табодули таҷриба ва баҳсҳои илмӣ ва инкишоф минбаъдаи илми тиб саҳми худро гузоштааст [9,с.32].

Лозим ба ёдоварист, ки дар сарчашмаҳои таърихӣ ва асарҳои олимони эронию муҳаққиқони кишварҳри Ғарб номи як қатор раисону табибони машҳури Ҷундишопур ба мисли  Ҷирҷис ибни Бухтайшуъ, писари вай Бухтайшуъ ибни Ҷирҷис, Сирҷис, Исо ибни Шаҳлоно [Шаҳлофо], Ҷабраил ибни Бухтайшуъ, Бухтайшуъ ибни Ҷабраил ва даҳҳо нафарони дигар зикр шудаанд. Ба навиштаи ин муҳаққиқони Шарқию Ғарбӣ яке аз чунин табибони маъруф, раиси бемористони Ҷундишопур Ҷирҷис ибни Бухтайшуъ будааст, ки ӯ аз рӯи маълумотҳои дақиқ халифаи Аббосӣ - Абӯҷаъфари Мансурро табобат намуда будааст. Писари вай Бухтайшуъ ибни Ҷирҷис низ ба мисли падараш табиби ҳозиқ будааст, ки халифаи панҷуми аббосӣ Ҳорунаррашид раёсати Ҷундишопурро ба ӯ месупорад [3,с.20-21].

Бояд гуфт, ки тибқи маълумоти сарчашмаҳои асримиёнагии соҳаи тиб дар он замон ду намуди бемористонҳо дар олами ислом мавҷуд будаанд, ки якеро собит (доимӣ) ва дигареро сайёр меномидаанд. Дар ин маврид Аҳмади Исобак муаллифи «Таърихи бемористонҳо дар ислом» бемористони собитро чунин муаррифӣ намудааст: «Бинои сохташуда ва ғайри қобили интиқол ба ҷои дигар аст. Дар сарзаминҳои исломӣ хосса дар шаҳрҳои бузург, чун Қоҳира, Бағдоду Димишқ ва дигар шаҳрҳо теъдоди бисёре аз ин гуна бемористонҳо вуҷуд дошт, ки осори бархе аз онҳо ба рағми гузашти замон ҳанӯз бар ҷой мондааст» [3,с.25].

Ба навиштаи Аҳмади Исобак бемористонҳои сайёр одатан ҳангоми пайдоиш ва авҷгирии бемории тоун ва дар майдонҳои ҷанг ташкил карда мешуданд. Ин бемористонҳо бо тамоми маводи зарурии пизишкӣ, аз ҷумла доруворӣ, ғизо ва ҳатто бо либос таъмин будаанд. Ба хусус дар он замон ҳангоми пайдоиши бемории тоун дар шаҳре, ки чунин бемористон надошт оҷилан чунин бемористонро ба ҳамон шаҳр интиқол медодаанд [3,с.26].

Бояд хотирнишон сохт, ки дар давраи ҳукмронии Сосониён баҳрнавардӣ ба дараҷаи баланд  пешрафта будааст, ки он ба арабҳо ва аз онҳо ба баҳнавардии Аврупо низ таъсиргузор будааст [6].  Аз ин рӯ дар Донишгоҳи Ҷундишопур нахустин бор дар ҷаҳон бемориҳои хусусияти баҳрнавардидоштаро низ ба навъҳо ҷудо намуда, пизишкони ин соҳаро омода менамудаанд. Ба навиштаи олими эронӣ И.Иброҳимӣ «дар замони сосонӣ дар донишгоҳи Ҷундишопур бахше ба гирдоварии иттилоот дар бораи бемориҳои дарёнавардон (яъне маллоҳон) ва роҳҳои дармони онҳо ихтисос доштааст» [7,с.41].

Ин нукта қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар гузашта дар девони хулафою шоҳону амирон ҳамаи бемористонҳо сарпарастони худро доштаанд, ки он одатан ноиб-ус-салтана будааст. Дар ин бора Абулаббоси Қалқашандӣ дар асараш «Субҳ-ул-ашӣ» чунин овардааст, ки Ноиб-ус-салтана: «...илова бар ниёбати султон, назорат бар бемористони бузурги Нурии Димишқро низ бар ӯҳда дорад, чунонки назорат бар бемористони Мансурӣ дар Қоҳира бар ӯҳдаи атобаки (атобак ба маънии амир аст, ки ноиби кофил низ мегӯянд У.Қ.) сипоҳ аст» [3,с.33].

Зимнан бояд хотирнишон сохт, ки пас аз ҷорӣ гардидани дини ислом дар Эронзамин шукуҳ ва шаҳомоти Ҷундишопур на танҳо паст нагардид, балки нуфузу эътибори он дар олами ислом, дар давраи хилофати Аббосиён ба маротиб баланд гардид. Ба хусус дар замони хилофати Ҳорунаррашид, ки ӯ Ҷабраили писари Бухтайшуъро аз Ҷундишопур барои дармони бемории худ даъват намуда буд, аз рӯи баъзе маълумотҳо пас аз шифо ёфтанаш барои вай дар Бағдод бемористонеро бо номи Рашид дар соли 787 таъсис медиҳад, ки он аввалин бемористони ба мисли Ҷундишопур дар давраи исломӣ будааст [14]. Бемористони Рашид ба ғайр аз бо дармонгоҳ ва дорухона муҷаҳҳаз будан инчунин бо номи “Дорулҳукамо” барои иқомати пизишкон маҳаллеро низ доро будааст.

Бемористони дигаре бо ҳиммати Яҳё ибни Холиди Бармакӣ дар байни солҳои 791 то 803 (то замони қатли оми хонадони бармакӣ) бо номи бемористони Бармакӣ дар Бағдод таъсис дода шудааст [7,с.46]. Дар ин бемористон низ ба монанди бемористони Ҷундишопур, намояндаҳои миллатҳои гуногун фаъолият доштаанд ва асарҳои гуногунро аз забони ҳиндӣ ба арабӣ тарҷума намудаанд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки соли 259/873 Аҳмад ибни Тулун дар Миср беморхонаи бузургро бунёд мекунад. Мувофиқи маълумотҳо он ҳаммоми мардона ва занона дошта, танҳо барои камбағалон пешбинӣ карда шуда будааст [16,с. 303].

Бояд таъкид намуд, ки дар сохтмони беморхонаҳо накши олимони соҳаи тиб хеле бузург аст, ки яке аз онҳо Закариёи Розӣ ба шумор меравад. Ӯ дар бунёди беморхона дар шаҳри Бағдод маслиҳати худро дода, таъкид намудааст, ки беморхона дар ҷои хушманзараю мусоид сохта шавад, зеро беморон ба ҳавои тоза ва беҳтарин шароити санитарӣ эҳтиёҷи зиёд доранд. Дар давраи зиндагии ӯ (соли 918) дар Бағдод ду беморхона сохта мешавад ва аз эҳтимол дур нест, ки дар бунёди онҳо ширкат намуда бошад.

Беморхонаи шаҳри Бағдод якчанд шӯъбаҳо доштаанд: чашмпизишкӣ, ҷарроҳӣ ва табобати умумӣ. Дар ҳар кадоми онҳо сардорон ва духтурони хурд кор мекардаанд. Ғайр аз ин, донишҷӯён таҳти роҳбарии табибони пуртаҷриба таҷриба мегирифтанд. Сарварии умумии ин беморхонаро Закариёи Розӣ бар ӯҳда дошт. Беморони омадаро аввал табибони хурд муоина менамуданд. Агар онҳо ташхисро муайян карда натавонанд, беморонро ба духтурони калон нишон медоданд. Вақте ки онҳо низ ташхиси дуруст монда натавонанд, худи Розӣ онҳоро муоина карда ташхис мегузоштааст [10,с. 81].

Дар Бағдод роҳбарии “Панҷ беморхонаи Бағдод” ба Синоп ибни Собит дода мешавад. Бо таъсири ӯ инчунин ду беморхонаи дигар бунёд мегардад, ки яке аз ҷониби худи халифа дар назди “Дарвозаи Сурия” ва дигаре аз ҳисоби модари халифа дар соҳили дарёи Даҷла бунёд мегардад, ки масъулуи ҳарду беморхона Синон будааст. Бояд тазаккур дод, ки инчунин дар соли 311/923 аз ҷониби вазири машҳури дарбори Аббосиён Абулҳасан Алӣ ибни Фурот боз як беморхона бунёд мегардад, ки барои нигаҳдоти он ҳар моҳ аз хазинаи шахсии ӯ 200 динор ҷудо мегаштааст. Ғайр аз ин дар соҳили ғарбии Даҷла дар соли 941 сохтмони беморхонаи дигар оғоз гардид, аммо аз сабаби дер давом намудани сохтмон, дар соли 978 Фанохусрав ибни Рукнуддавла Ҳасан ибни Абушуои Буя мулаққаби Изудуддавла (936-983) сохтмони беморхонаро ба охир мерасонад. Дар соли 966 аз ҷониби Муиззуддавла дар наздикии пули Даҷлаи шаҳри Бағдод бемористон сохта мешавад.[16,с.304]. Қобили тазаккур аст, ки дар ҳамин давра бемористонҳое аз қабили

бемористонҳои Муътазидӣ, Ибни Фурот, Саидӣ, Муқтадирӣ ва ғ. мавҷуд будаанд, ки идораи онҳо тибқи усули идории бемористони Ҷундишопур ба роҳ монда шуда будааст [14].

Мисоли равшани дараҷаи баланди инкишофи амалияи тиббӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон дар аҳди Сомониён (солҳои 819-999) мушоҳида мегардад. «Дар ин давра, — менависад муаррихи машҳури соҳаи тиб Ю.Б Исҳоқӣ, - дар бонуфузтарин шаҳрҳои давлати Сомониён беморхонаҳо ва дорухонаҳои сершумор мавҷуд буданд, ки дар онҳо духтурҳо ва дорусозон кор мекарданд» [8,с.16].

Сарчашмаҳо нишон медиҳанд, ки чунин беморхонаҳо дар мамлакатҳои Шарқ, аз ҷумла дар Осиёи Миёнаи асрҳои IX-X, аксар вақт дар шаҳрҳои калон сохта мешуданд [4,с.309]. Онҳо на танҳо муассисахои тиббӣ, балки як нав сарпаноҳ барои бечорагон низ буданд. Дар бисёр шаҳрҳои калон, монанди Самарқанд, Бухоро, Урганч, Марв, Ғазна беморхонаҳои гражданӣ мавҷуд буданд.

Дар Осиёи Марказӣ, беморхонаҳо асосан дар назди мадраса сохта шуда, дар намуди омӯзишгоҳи тиббӣ (масалан, беморхонаҳои Самарқанд, Ҳирот ва Балх) фаъолият мебурданд. Чунин мушоҳида мегардад, ки вазифаҳои шифохона ва мадраса дар як бино иҷро мегашт. Дар чунин беморхонаҳо якчанд шӯъбаҳо — муолиҷаи чашм, табобатӣ, ҷарроҳӣ ва равонӣ фаъолият доштанд. Масалан, дар беморхонаи Марв, ба ғайр аз дигар шӯъбаҳо, касалхонаи касалиҳои руҳӣ мавҷуд буд ва дар Кӯҳнаурганҷ, ба қавли Абурайҳони Берунӣ шӯъбаҳои ҷарроҳӣ ва муолиҷаи чашм амал менамуданд.

Бо мақсади таъмин намудани кори пай дар паи беморхонаҳо ҳокимон, ки онҳоро сохта ва таъсис додаанд, ба беморхонаҳо ҳамчунин амволи махсусро вақф мекарданд, ки он ба муассиса даромади кофӣ меовард. Шахси махсусе, ки даромадро одилона идора ва тақсим мекунад «мутаваллӣ» унвон дошт.

Тибқи вақфномаи ҳокими туркҳои Қарахонӣ Иброҳим Тамғочхон дар асри XI беморхонаи давлатӣ (бемористон) ва мадрасае дар шаҳри Самарқанд (соли 1066) таъсис дода мешавад, ки дар он тиб низ таълим дода мешуд [10,с.89]. Ба ҳайати беморхона табибон, хунармандон, ошпаз, имом-хатиб, муаззин ва фаррош шомил буданд.

Дар «Таърихи Маъсудӣ»-и Байҳақӣ табибоне зикр шудаанд, ки дар маҳфилҳои дарбори Ғазнавӣ маъруф буданд [1,с.319-320].

Дар Осиёи Миёна мадрасаҳо дар Бухоро, Самарқанд ва Марв фаъолият мекарданд, ки дар онҳо илми тиб васеъ таълим дода мешуд. Онҳо як навъ омузишгоҳҳои тиббӣ буданд, ки дар онҳо ба ҷавонон бо супурдани ҳатмии имтиҳонҳои хатм ва савганди духтурӣ назария ва амалияи тибро меомӯхтанд [8,с.39-40].

Одатан, дар беморхона ғайр аз ҳуҷраҳои беморон, инчунин китобхонаҳо ва ҳуҷраҳои лексияхонӣ оид ба тиб, инчунин дигар ҳуҷраҳои барои таълими касби тиббӣ зарурӣ мавҷуд буданд.

Дар назди беморхонаҳо ҳатман ҳаммом низ бунёд мегашт. Дохил шудани ҳаммом ба маҷмааи тиббӣ тасодуфӣ нест. Дар Шарқ ҳаммом на танҳо ҷои шустушӯи мардум, балки объекти солимгардонӣ низ ба шумор мерафт. Ғайр аз ин, дар ҳаммом расмиёти табобатӣ гузаронида мешуд. Масалан, ба буғумҳои беморони гирифтори бемориҳои гуногун (артрит, артроз ва ғ.) марҳам мемолиданд. Дар ҳаммом масҳ (массаж) дар якҷоягӣ бо ваннаи буғӣ тароват, сабукӣ ва табъи хуш медод.

Дар бораи мавҷудияти бемористонҳо дар ҳайъати давлати Салҷуқиён (1040-1194) "яке аз муҳаққиқони машҳури эронӣ Иброҳимӣ И. Чунин навиштааст:"Бемористони Низомия аз маҷмӯи иқдомоти Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ дар соҳили шарқи Даҷла дар ҳудуди соли 459қ. (1067м.) сохта шуда буд" [7,с.49].

Дар шаҳри Нишопур бо ибтикори Низомулмулк мадраса ва бемористони низомия сохта мешавад. Ба сохтори шаҳри Нишопур назар намоем, дар давраи Салҷуқиён аз 72

маҳалла иборат будааст [7,с.71]. Пизишкони шаҳр дар маҳалҳои гуногун зиндагӣ ба сар мебурдаанд. Ба беморхона мардуми зиёд барои муоинаву муолиҷа аз шаҳрҳои дигар ташриф меовардаанд. Инчунин, дар назди беморхона дорухонаи бузурге мавҷуд будааст, ки беморон аз он ҷо доруҳои заруриро харидорӣ мекарданд.

Яке аз бемористонҳои машҳури Эронзамин, ки таърихи мавҷудияташ ба давраи пеш аз ислом мерасид, бемористони Рай ба ҳисоб мерафтааст. Мувофиқи сарчашмаҳо "Закариёи Розӣ пас аз иштиғол дар бемористони Язди Бағдод, раиси бемористони Рай будааст" [3,с.159]. Ин бемористон то давраи забткориҳои муғулҳо мавҷудият ва шукӯҳу шаҳомати худро нигоҳ доштааст.

Дастмузди табибон дар ҳар давру замон масъалаи асосӣ барои фаъолияти бардавому пурсамари табибон ба ҳисоб мерафтааст. Пизишкон аз халифаҳову шоҳон ва амирон баҳраҳои бузург ва неъматҳои фаровону бахшишҳои пай дар пай меёфтанд, инчунин мустамарриҳо ва чорпоёни савора ба онҳо пардохт мешуд [3,с.36].

Он пизишконе, ки дар хидмати халифа, подшоҳ, султон ё амир ќарор доштанд аз ду нафар иборат буданд ва дастмузди моҳонаи ҳар кадоми онҳо 50 динорро ташкил медод, пизишкони баъд аз онҳо, ки се ё чор нафар буданд ва дар кох иқомат доштанд ҳар моҳ 10 динор, пизишкони маъмулӣ бошад 15 динор маъош мегирифтанд [3,с.37]. Инчунин дар шаҳри Бағдод аз ҷониби Ал-Мӯътамид (892-902) барои табибон, чашмпизишкон, парасторон, дарбонҳо, нонпазҳо ошпазҳо ва дорусозон моҳе 450 динор маош ҷудо карда мешудааст [16,с. 303]. Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки табибони дарбор ва дигар пизишкони маъмулӣ ба тарзи кофӣ дастмузд ва ғайр аш он бахшишҳои зиёд ба даст меовардаанд. Ин боис гардидааст, ки пизишкон бештар барои такмили дониш ва малака вақт сарф намоянд.

Инчунин, барои амали ҷарроҳӣ низ дастмузд, аз ҷумла барои ҷарроҳии чашм, аз 80 то 100 динор вобаста ба амали ҷарроҳӣ муайян карда шуда будааст [3,с.37].

Бояд хотирнишон сохт, ки дар Хуросону Мовароуннаҳр бемористонҳо дар Рай, Марв, Хоразм (Урганч), Бухоро, Нишопур, Заранг (Заранҷ), Сиистон, Язди Шероз, Исфаҳон, Кирмон ва бемористонҳои салҷуқӣ амал мекардаанд [15]. Аксарияти кулли табибони ин бемористонҳо ба мисли Ибни Сино, Ибни Рушд, Ибни Туфайл, Ибни Зухр, Мусо ибни Маймун ва ғ. дар баробари табиб буданашон инчунин ҳаким ва файласуфҳои номдори асри худ буданд. Ба навиштаи Низомии Арузии Самарқандӣ «ҳар табиб, ки шарафи нафси инсон нашиносад рақиқ-ул-хулқ набувад ва то мантиқ надонад ҳаким-ун-нафс набувад ва то муъайяд набувад ба таъйиди илоҳӣ ҷайдулҳадс набувад ва ҳар ки ҷайдулҳадс набувад ба маърифати иллат нарасад» [13,с.139]. Мувофиқи маълумотҳои дигар бо ташаббуси Ибни Сино дар шаҳри Ҳамадон беморхонае (мувофиқи баъзе маълумотҳо ду беморхона) бунёд мегардад ва пас аз итмоми сохтмон, ҳокими Ҳамадон Шамсуддавла таклиф менамояд, ки номи онро "Хонаи беморон" бигзоранд. Аммо Ибни Сино онро қабул намекунад ва боадабона ба таври боварибахш ҷавоб мегардонад, ки "Хонаи беморон" дар беморон барои шифо ёфтан умеду боварӣ намебахшад. Аз ин лиҳоз номи онро "Хонаи Шифо" гузошта шавад, ки ба беморон умед мебахшад ва ин барои муолиҷаи бомуваффақонаи беморон мусоидат менамояд. Бо ҳамин номи беморхонаи мазкур "Хонаи Шифо" номгузорӣ мегардад [10,с.64].

Таъкид намудан ба маврид аст, ки фикру мулозаҳои Ибни Сино дар барои ба тартиб бино намудани биноҳои ҷамъиятӣ қиммати баланд доранд. Ба фикри ӯ бояд дар бунёди манзилу биноҳои ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама, шароити ҷуғрофӣ, иқлим, вазиши шамол, вуҷуд доштани обҳои равон ва дастрасии офтобро ба назар гирифтан зарур аст. Беморхонаҳо бояд дар ҷойҳои баланд, шамолрав, дар наздикии обҳои тоза ва ҷангалзор аз қабристонҳо, ботлоқзорҳо ва дигар объектҳое, ки обу ҳаворо ифлос мегардонад сохта шуда, ҳавои бино бояд озодона тоза карда шавад, дару тирезаҳо ба самти ҷанубу шарқ рӯ ба рӯ шаванд то ки

нури офтоб вориди бино шавад. Аз ин бармеояд, ки Ибни Сино дар масъалаи тарзи сохтмони беморхонаҳо ва биноҳои ҷамъиятӣ низ таҷрибаи баланд доштааст.

Ҳамин тавр дар таърихи тамаддуни қавмҳои ориёӣ аз қадимулайём ба рушди соҳаи илм ва аз ҷумла илми тиб диққати махсус дода мешуд, ки мо намунаи барҷастаи онро дар мисоли мадраса ва бемористонҳои Ҷундишопур ва шаҳрҳои Хуросону Мовароуннаҳр, ки ба марказҳои илмии қарнҳои аввали кишварҳои мусулмонӣ таъсири амиқ расонида буданд, ба хубӣ эҳсос менамоем.

***Пайнавишт:***


1. *Абу-л-Фазл Байхаки. История Масуда (1030 - 1041). Серия: Памятники письменности Востока XXII / Перевод с персидского, комментарий и приложение А.К.Арендса. – Москва: Вост. лит-ра, 1969.- 1008 с.*
2. *Авесто. Китоби I. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 839 с.*
3. *Аҳмад Исобак. Таърихи бемористонҳо дар Ислом. Тарҷумаи доктор Нуруллоҳ Кисоӣ.Теҳрон 1371. - 240 с.*
4. *Большая медицинская энциклопедия. 2-е издание. В 35-ти томах. Т. 17. — Москва: Медгиз, 1960. - 1008 с.*
5. *Вожаи ҷадиди ҷойгузини “бемористон” мешавад. //https://www.mehrnews.com/news/1606631/ (санаи муроҷиат: 09.01.2022)*
6. *Заходер Б. Иран при Сасанидах // Исторический журнал. Декабр 1936. //http://libmonster.ru/m/articles/view/ ИРАН-ПРИ-САСАНИДАХ (санаи муроҷиат: 12.01.2022).*
7. *Иброҳимӣ И. Таърихи дармонгоҳ ва бемористон дар Эрон баъд аз ислом. – Табрез, 1394. – 137 с.*
8. *Исхаки Ю.Б. Ибни Сино и медицинская наука / Ю. Б. Исхаки. - Душанбе : Ирфон, 1984. –175 с.*
9. *Исҳоқӣ Ю.Б., Тоҷиев Я.Т. Таърихи мухтасари тибби тоҷик. - Душанбе: ДДТТ, – 128 с.*
10. *Кадыров А. А. История медицины Узбекистана. — Ташкент: Изд-полигр. об-ние им. Ибн Сины, 1994. – 233 с.*
11. *Маҳдӣ М. Мақолот ва баррасиҳо. Нашрияи гурӯҳи таҳқиқотии донишкадаи илоҳиёт ва маърифи исломӣ. Дафтари панҷум ва шашум. Теҳрон 1350. //http://ensani.ir/file/download/article/201102 08123508 (санаи муроҷиат: 03. 01.2022)*
12. *Муҷтабо Гарованд, Башири Озарҷӯ. Ҷойгоҳи илми пизишкӣ дар Донишгоҳи Ҷундишопур ва таъсири он бар марокази илмии тамаддуни исломӣ. //http://ensani.ir/file/download/article/2017020807 2547-10066-113.pdf (санаи муроҷиат: 12.02.2022).*
13. *Низомии Арузии Самарқандӣ. Чаҳор мақола. Таҳия ва тавзеҳи Фахриддин Насриддинов – Хуҷанд: Ношир, 2015. – 192 с.*
14. *Доктор Ҳасан Тоҷбахш. Таърихи бемористонҳо корномаи дурахшони Эрониён //http://ensani.ir/file/download/article/20120426105617-4034-514.pdf (санаи муроҷиат: 3.01.2022)*
15. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. (аз асри X то ибтидои асри XX). Иборат аз ду ҷилд. Дар зери таҳрири Н.Ш.Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А Маъсумӣ. Ҷилди I. Москва: 1969. - 951с.*
16. *Мец Адам. Мусульманский Ренессанс. Изд. 2-е. [Пер. с нем., предисл., библиогр. и указатель Е. Э. Бертельса. Отв. ред. В.И.Беляев]. - Москва: Главная редакция восточной литературы, 1973. - 473 с.*


***Reference Literature:***


1. ***Abu-l-Fazl Bayhaki***. *The History of Masud (1030-1041). Series: Monuments of Scripture Referring to the East of the XI-th Century//Translation from Persian, commentaries and Appendix by A.K. Arends. – Moscow: Oriental Literature, 1969. – 1008 pp.*
2. *Avesto. Book 1. – Dushanbe: Bukhara, 2014. – 839 pp.*

3. ***Isobak, Ahmad*** *The History of Hospitals in Islam. Translation by Dr. Nurulloh Kisoi. Tehran, 1371 hijra. – 240 pp.*
4. *Big Medical Encyclopedia. The 2nd edition. In 35 volumes V, 17. – Moscow: Medical State Publishing House, 1960. – 1008 pp.*
5. *The Newest Moderrn Word Being a Substitute for that one of "**бемористон**" (hospital) // https: www.mehrnews.com/news/1606631/ (Date of appeal: 09. 01. 2022)*
6. ***Zahoder B.*** *Iran under the Sasanids// Historical Journal. December 1936. https://libmonster.ru/m/articles/veiw/ **IRAN UNDER THE SASANIDS** (Date of appeal: 12.01.2022)*
7. ***Ibrohimi I***. *The History of Medicinal Institutions and Hospitals in Iran after Introduction of Islam. – Tabrez, 1394 hijra. – 137 pp.*
8. ***Ishaki Yu.B***. *Ibni Sino and Medical Science// Yu.B.Ishaki. – Dushanbe: Cognition, 1984. – 175 pp.*
9. ***Ishaki Yu.B., Tojiev Ya.T.*** *Brief History of Tajik Medicine. – Dushanbe: DDTT (State University of Tajik Medicine). 128 pp.*
10. ***Kadyrov A.A***. *The History of Uzbekistan Medicine. – Tashkent Polygraphic Publishing-House named after Ibn Sina, 1994. – 233 pp.*
11. ***Mahdi M***. *Articles and Scientific Essays. The Eddition of the Team of Researches of Devine Knowledge and Islamic Education. Note-Books five and six. – Tehran, 1350 hijra //http://ensani.ir/file/download/article/201102 08123508 (Date of appeal: 03/01/2022)*
12. ***Mujtabo Garovand, Bashiri Ozarchu***. *The Place of Medical Science in Judishap University and its Influence Rendered by the Centre of Islamic Civilization. //http://ensani.ir/file/download/article/2017020807 2547-10066-133pdf (Date of appel: 12.02.2022)*
13. ***Nizomii Aruzii Samarkandi***. *Article. Preparation and Commentaries by Fahriddin Nasriddinov. Khujand: Publosher, 2015. – 192 pp.*
14. ***Dr. Hasan Tadgebakhsh***. *The History of Hospitals in the Iranian Radiant Chronicles// http://ensani.ir/file/download/article/20120426105617-4034-514.pdf (Date of appeal: 3.01.2022)*
15. *Tajik Language Dictionary (since the X-th up to the Beginning of the XX-th Centuries) In two volumes. Under the editorship of N.Sh.Shukurov, V.A. Kapranov, R.Khoshim, N.A.Masumi. Volume 1. Moscow, 1969. – 951 pp.*
16. ***Mets, Adam***. *Moslemic Renaissance. The 2nd edition (Translation from German, preface, bibliography and indicator by Ye.E. Bertels. Editor-in-charge: V.I. Belyaev. – Moscow: Central editorial board pf Oriental Literature, 1973. – 473 pp.)*